ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к. Шевченко, 69. Тел. (372) 221-18-35, факс (372) 2217525

# ФАРМОИШ

аз «15» 04 с.2019 №244 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани Оинномаи
Муассисаи давлатии таълимии
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино

Бо мақсади муайян ва танзим намудани самтҳои асосии фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ба ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» супориш дода шавад, ки фаъолияти Донишгоҳро тибқи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи тасдиқгардида ба роҳ монад.

3. Фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 августи соли 2014, №678 «Дар бораи тасдиқи Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» аз эътибор соқит дониста шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Вазир Н. Олимзода

БАРОИ ФАРМОНҲО / ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ

Замимма бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «15» 04 с. 2019, № 274 тасдиқ шудааст.

# ОИННОМАИ
# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

Бо Қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино аз 31 январи соли 2019, № _____ тасдиқ шудааст.

Душанбе – 2019

# I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (Минбаъд Донишгоҳ) бо қарори Совети комиссарони халқи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ аз « 11» декабри соли 1937, №1428 «Дар бораи донишкадаи тиббӣ» ҳамчун Донишкадаи тиббии Тоҷикистон таъсис дода шуда, бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ аз 11 сентябри соли 1952 ба Донишкадаи тиббии Тоҷикистон номи Абӯалӣ ибни Сино (Авитсена) номгузорӣ шуда, бо қарори Девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 1992, №228 ба Донишгоҳ табдил дода шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 ба номгӯи муассисаҳо ва ташкилотҳои тобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидааст.

2. Муассиси Донишгоҳ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Муассис) мебошад.

3. Донишгоҳ шахси ҳуқуқӣ буда, дорои тавозуни мустақил, суратҳисоб дар бонкҳо, мӯҳри мудаввар бо дарҷи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи расмии худ, варақаҳои унвонӣ ва дигар реквизитҳо мебошад.

4. Донишгоҳ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

5. Донишгоҳ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ташкилшуда ба ҳисоб меравад.

6. Рамзи ДДТТ, нишони расмии донишгоҳ. Тибқи қарори Шӯрои олимон аз 30 июли 2008 (№7) қабул карда шудааст. Дорои шаҳодатномаи нишони молӣ (N TJ 7876) буда, дар Рестери давлатии нишонҳои молӣ ва хизматрасонии ҶТ аз 19 феврали 2009 ба қайд гирифта шудааст. Рамз аз ду хати даврашакл, ду мори бо ҳам печида, қадаҳ ва китоби кушода иборат аст. Нисфи доира ранги кабуд ва нисфи дигар ранги сафед дорад. Дар даруни давраҳо номи муассиса – Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино навишта шудааст. Морҳои печида рамзи саломатию офият ва дар зиндагӣ мубориз буданро ифода менамоянд; китоби кушода махзани илму дониш ва маърифат аст; Кадаҳ дар тиб нишони хиради инсонист, ки роҳи ростро бозгӯӣ менамояд.

7. Донишгоҳ тавозуни мустақил, суратҳисоб дар бонкҳо, мӯҳри мудаввар бо дарҷи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи расмии худ, варақаҳои унвонӣ ва дигар реквизитҳо мебошад.

8. Номи расмии Донишгоҳ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ чунин мебошад:

**бо забони тоҷикӣ** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино», номи ихтисоршудааш «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино»;

**бо забони русӣ** – Государственное высшее учебное заведение – «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино», номи ихтисоршудааш «ТГМУ им. Абуали ибни Сино»;

**бо забони англисӣ** – A State higher educational institution - «Avicenna Tajik State Medical University», номи ихтисоршудааш «ATSMU».

9. Суроғаи ҳуқуқии Донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 139. Телефон: (992-37) 224-45-83, Факс: (992-37) 224-36-87; **E-mail: info@tajmedun.tj. Web site: http:// www.tajmedun.tj**

## II. ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ, СОҲИБИХТИЁРӢ ВА ОЗОДИҲОИ АКАДЕМИИ ДОНИШГОҲ

10. Донишгоҳ шахси ҳуқуқии мустақил буда, шакли ташкилию ҳуқуқии он бо моддаи 132 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

11. Мувофиқи Оинномаи мазкур Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки ба фаъолияти даромаднок машғул шавад. Даромади аз чунин фаъолият ба дастомада, инчунин амволи аз чунин даромадҳо харидашуда ба ихтиёри Донишгоҳ мегузаранд.

12. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад қарзҳои бонкиро истифода барад, иштирокчии муносибатҳои гражданӣ бошад, аз ҷумла дар мурофиаи судӣ ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд.

13. Донишгоҳ дорои дигар намуди ҳуқуқҳо мебошад, ки бо қонунгузории амалкунанда барои чунин муассисаҳо муқаррар шудаанд.

14. Донишгоҳ аз рӯи ухдадориҳояш бо маблағи пулие, ки дар тавозуни мустақили худ дорад, ҷавобгар мебошад. Муассис аз рӯи ухдадории Донишгоҳ, ба истиснои мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулият надорад.

15. Донишгоҳ метавонад дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисоби худро бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар бонкҳои ҷумҳурӣ кушояд, инчунин, тибқи тартиби муқарраргардида маблағҳои озоди махсуси худро дар бонкҳо ҳамчун депозит ҷойгир намояд.

16. Фаъолияти Донишгоҳ асосан аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои махсуси Донишгоҳ ва дигар манбаъҳои маблағгузорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.

17.Донишгоҳ метавонад фаъолияти соҳибкориро барои расидан ба мақсадҳое, ки баҳри онҳо таъсис дода шудааст, амалӣ намояд. Фаъолияти соҳибкориро Донишгоҳ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

18. Донишгоҳ барои пешбурди фаъолияти байналмилалии гуманитарӣ ва иқтисодии хориҷӣ ҳуқуқ дорад, ки филиалҳо ва намояндагиҳояшро дар кишварҳои хориҷӣ тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда дар мувофиқа бо Муассис кушояд.

19. Иҷрои стандартҳо, муқаррарот, меъёру санадҳое, ки Муассис дар соҳаи тандурустӣ бо тартиби муқарраргардида таҳия ва тасдиқ намудааст, барои Донишгоҳ ҳатмӣ мебошад.

20. Донишгоҳ дар мувофиқа бо Муассис метавонад ба ҳайати ҷамъиятҳои хоҷагидор, иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо дохил шавад ва аз ҳайати онҳо бароял.

21. Донишгоҳ метавонад барои иҷро кардани фаъолияти оинномавии худ мутахассисони ҷудогона, аз он ҷумла хориҷиёнро бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намояд.

22. Донишгоҳ дар қабули қарорҳо ва амалӣ намудани фаъолияташ, ки аз ин Оиннома ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, илм ва тандурустӣ бармеоянд, соҳибихтиёр ва мустақил аст.

23. Дахолати мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти таълимӣ, табобатӣ, илмӣ – ҳоҷагӣ ва фаъолиятҳои дигари Донишгоҳ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

24. Донишгоҳ комплекси таълимӣ, табобатӣ, илмию истеҳсолӣ ва хизматрасонии Муассис ба шумор рафта, мувофиқи қонунгузории ҶТ метавонад ҷузъҳои таълимӣ (пажуҳишгоҳҳо, донишкадаҳо коллеҷҳо, марказҳо, литсейҳо ва дигар сохторҳо), табобатӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ки балански мустақил ё алоҳида доранд ташкил намояд.

25. Соҳибихтиёрӣ шакли озодиҳои академӣ мебошад ва шарти зарурӣ барои кафолати иҷрои уҳдадориҳои Донишгоҳ аст.

26. Донишгоҳ дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, фаъолияти таълимию тарбиявӣ, табобатӣ, илмӣ, робитаи байналмилалӣ, молиявию хоҷагӣ ва дигар фаъолиятҳо мутобиқи қонунгузории ҶТ ва Оинномаи мазкур мустақил аст.

27. Донишгоҳ барои татбиқи барномаҳои таълимӣ метавонад технологияи фосилавии донишомӯзиро қисман ё дар ҳаҷми пурра (ба истиснои баъзе аз машғулиятҳо) аз рӯи тартибе, ки мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф муқаррар кардааст, истифода барад.

28. Донишгоҳ метавонад тибқи қонунгузории амалкунанда низоми кредитиро ҷорӣ намояд.

29. Соҳибихтиёрӣ шакли муҳимтарини ташкили раванди таълим, тадбирҳои академӣ буда, масъулияти давлатии Донишгоҳро дар назди Муассис муайян менамояд.

30. Муносибати байни Донишгоҳ ва Муассис тавассути шартнома муайян мегардад. Муассис дар доираи ваколати хеш оид ба иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, иҷозатнома, фаъолияти таълимӣ ва моливу хоҷагии Донишгоҳро бевосита назорат мекунад.

31. Озодиҳои академии Донишгоҳ ин озодии баёни мазмуни таълим ва аз рӯи салоҳияти худ дар доираи барномаҳои таълимӣ, интихоби мавзӯъ барои таҳқиқоти илмӣ, муолиҷа ва ҳалли онҳо бо усулҳои худ, инчунин озодии омӯзандагон дар гирифтани дониш вобаста ба майли худ дар доираи барномаҳои таълимӣ ва муолиҷавӣ мебошад.

32. Ба кормандони соҳаи омӯзгорӣ аз ҷумлаи ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ ва донишҷӯёни Донишгоҳ бахусус ба омӯзгорон озодиҳои академӣ дода мешавад, то мавзӯи дарсро (таълимро) бо усулҳои пешрафта дар доираи барномаҳои таълимӣ баён кунанд, мавзӯи таҳқиқоти илмиро интихоб намоянд ва бо тарзу усулҳои худ онро гузаронанд.

33. Дар доираи барномаҳои таълимӣ ба донишҷӯён мувофиқи майлу талаботи онҳо озодии академӣ дода мешавад.

34. Назорат барои мувофиқати фаъолияти Донишгоҳ бо назардошти маромҳои он, ки дар ин Оиннома пешбинӣ шудааст, аз ҷониби Муассис ва мақомоти давлатии идораи маориф, ки дар ҳудуди салоҳияти худ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ иҷозатнома (литсензия) додаанд, амалӣ мегардад.

35. Донишгоҳ бо мақсади аккредитатсияи ҷамъиятии худ ҳуқуқ дорад ба дилхоҳ ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ муроҷиат намояд.

36. Соҳибихтиёрӣ ва озодиҳои академии Донишгоҳ дар фаъолиятҳои зерин инъикос меёбанд:

- мувофиқи Оинномаи мазкур ҳуқуқи қабули қарорҳо ва иҷрои онҳоро, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд, дорад;
- сохтори худро дар мувофиқа бо Муассис мустақилона муайян менамояд, мақомоти идоракунӣ ва назоратии хешро ташкил медиҳад;
- раванди таълим, илм, муолиҷа, молия, хоҷагидорӣ ва шаклҳои дигари фаъолиятро мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад;
- дар асоси шартномаҳои дуҷониба ва бисёртарафа бо вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишгоҳҳои ватанӣ ва хориҷӣ, Академияи илмҳо, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳо, корхонаҳо басташуда, фаъолиятҳои бисёрсоҳаро ба монанди: тайёр намудани мутахассисон, таълим ба донишҷӯён ва аспирантон, табодули мутахассисон, пешбурди корҳои илмӣ, фаъолияти фарҳангӣ, ташкили конфронсу симпозиумҳо ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолиро ба роҳ мемонад;
- вобаста ба ҳаҷм ва намуди корҳои ба анҷомрасонанда, воҳиди корӣ кормандон, миқдори ҳамаи категорияҳои кормандон, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро, аз он ҷумла ҳайати омӯзгорон ва кормандони илмӣ, вазифаҳои деканҳо ва мудирони кафедраҳо, сардорони шӯъбаҳои гуногуни таълимӣ ва илмӣ (марказҳо, шӯъбаҳо, лабораторияҳо) ва инчунин ҳайати роҳбарикунандаи Донишгоҳро муайян менамояд;
- самтҳо ва тартиби истифодабарии маблағҳои аз ҳисоби буҷет ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ба суратҳисоб воридшударо бо назардошти ҳиссаи ба музди меҳнат сарфшаванда мустақилона муайян менамояд ва мавриди истифода қарор медиҳад;
- намуд ва андозаи маоши кормандонро берун аз ҳисоби маоши буҷетӣ муайян ва таъмин менамояд;
- тибқи қонунугузории ҷорӣ ва Оинномаи мазкур муассиси нашриёт, маҷалла ва дигар воситаҳои ахбор бошад;

- барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва чун қоида барномаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро аз рӯи як ё якчанд самтҳои ҷудогона амалӣ мегардонад;

- тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандон ва бозомӯзии онҳоро дар ҷодаи муайяни фаъолияти касбӣ ба роҳ мемонад;

- таҳқиқоти илмии бунёдӣ (фундаменталӣ), ҷӯяндагӣ ва амалӣ мебарад.

37. Озодиҳои академӣ ба принсипҳои зерин асос меёбанд:

- истифодаи самарабахши нерӯи зеҳнӣ бо мақсади афзун гардонидани саҳми Донишгоҳ дар тайёр намудани кормандони илмӣ, илмию омӯзгорӣ ва мутахассисони дигар барои эҳтиёҷоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа;

- демократикунонии ташкилу идораи ҷараёни таълим, фаъолияти илмӣ – тадқиқотӣ ва ташкилӣ;

- таъмини равобити муътадили таълим ва тадқиқоти илмӣ;

- таъмини иҷро ва риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мустаҳкам намудани интизоми давлатӣ.

## III. ОБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТ, ВАЗИФАҲО, ҲУҚУҚ ВА СОХТОРИ ДОНИШГОҲ

38. Донишгоҳ нақшаҳои гуногуни таҳсилоти олии касбиро аз рӯи муҳлат ва зинаи гуногуни он ва такомули ихтисоси баъди таҳсилоти олиро мутобиқи стандарти давлатии муқарраргардида аз рӯи самтҳои гуногуни илм, адаб ва фарҳанг, ки азхудкунии онҳо тавассути ҳуҷҷатҳои дар шакли муайян муқарраргардида такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон тасдиқ карда мешавад, амалӣ менамояд.

39. Мазмуни фаъолияти Донишгоҳро чун маркази таълими олии касбӣ тайёр намудани мутахассисони гуногуни дорои таҳсилоти олии касбии сатҳҳои гуногуни соҳаи тиббию фарматсевтӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ барои ҷумҳурӣ ва дигар кишварҳо ташкил медиҳанд.

40. Тайёр намудани мутахассисон аз рӯи равияҳо ва ихтисосҳо ё номгӯи самтҳои таълим дар заминаи моддӣ – техникии дар ихтиёри Донишгоҳ буда, дар пойгоҳҳои клиникии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати тандурустии ш. Душанбе, инчунин сохторҳои марбутаи дигар, бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ мувофиқи қоидаҳои ҷорӣ амалӣ карда мешавад.

41. Донишгоҳ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона метавонад қисматҳои таълимӣ, илмию истеҳсолӣ, муолиҷавӣ, хизматрасонӣ, марказҳо, озмоишгоҳҳо, корхонаҳо, сеххо ва ғайра таъсис дода, талаботи мардумро бо ҳар гуна молу хизматрасонӣ қонеъ гардонад.

42. Донишгоҳ фаъолияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани иҷозатномаро муқаррар кардааст, баъди гирифтани он амалӣ карда метавонад. Донишгоҳ он фаъолиятеро, ки қонунгузории ҶТ манъ накардааст, мустақилона метавонад ташкил диҳад.

43. Вазифаҳои асосии Донишгоҳ аз инҳо иборат мебошанд:

- қонеъ гардонидани талаботи шахс дар инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи ба даст овардани таҳсилоти олии касбӣ ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- рушди илму ҳунар ба воситаи таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ ва таҳсилкунандагон, истифодаи натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷараёни таълим, муолиҷа ва истеҳсолот;

- омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили тахассуси кормандони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва кормандони илмию омӯзгории баландихтисоси соҳаи тиббию фарматсевтӣ ва дигар эҳтиёҷмандон;

- дар зеҳни донишҷӯён инкишоф додани ҳисси худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ ва қобилияти кору зиндагии донишҷӯён дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ;

- ҳифз ва афзун намудани арзишҳои миллӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва анъанаҳои кишвар;

- таҳкими арзишҳои маънавии шаҳрвандон, боло бурдани савияи дониш ва фарҳанги он;

-таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омӯзгории донишҷӯён;

- паҳн намудан ва густариши донишҳои тиббию фармасевтӣ дар миёни мардум ва боло бурдани сатҳи маърифатнокӣ ва фарҳангии он;

- тибқи иҷозатнома амалӣ гардонидани барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;

- таъмини шароити мусоид барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, ташхису муолиҷаи беморон, бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисос ва омӯзгории донишҷӯён;

- ташкил намудан ва гузаронидани корҳои асосӣ, амалию таҷрибавӣ, илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию истеҳсолӣ ва конструкторӣ, ки барои ҳалли масоили хоҷагии халқ равона карда шуда, бо раванди таълим зич алоқаманд мебошанд;

- паҳн намудани донишу малакаи замонавии иқтисодию ҳуқуқӣ, тиббӣ, фармасевтӣ, экологӣ ва дигар дастовардҳои илмӣ, баланд бардоштани сатҳи маълумоти умумӣ (ҳамагонӣ), сиёсӣ ва мадании аҳолӣ бо усули намудани қоидаҳои маъмул ва ё низоми кредитии таҳсилот;

- таълиф, таҳия ва нашри барномаҳои таълимӣ, асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва муолиҷавӣ;

- омода намудани кадрҳои илмию омӯзгорӣ (номзадҳо ва докторҳои илм, аз ҷумла докторҳои PhD).

44. Ба сохтори Донишгоҳ ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ, марказҳо, озмоишгоҳҳо, хоҷагӣ, истеҳсолӣ, ёрирасон ва ғайра дохил мешаванд, ки онҳо дар асоси қоидаҳои умумӣ, Низомнома ва Оинномаҳое, ки аз тарафи ректори Донишгоҳ тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ тасдиқ карда шудааст амал мекунанд.

45. Дар сохтори Донишгоҳ созмон додани ҳизбҳо ва дигар ташкилоти сиёсии амсоли онҳо манъ аст.

46. Дар сохтори Донишгоҳ бо мақсади ҳимояи манфиати донишҷӯён ва дигар шахсони ба таҳсил фарогирифташуда иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ташкил карда шуданаш мумкин аст, ки муносибатҳои онҳо бо шартномаи байни Раёсати Донишгоҳ муайян карда мешаванд.

47. Донишгоҳ метавонад бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии таълимию методӣ, илмию таткиқотӣ, шӯрою комиссияҳои илмию методӣ, илмӣ – техникӣ ва ғайра таъсис диҳад.

48. Шӯроҳои олимони Донишгоҳ дар фаъолияти худ тавсияи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар системаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ баррасӣ менамоянд ва ба назар мегиранд.

49. Донишгоҳ барои ноил гаштан бо мақсадҳои худ тибқи муқарррароти қонунгузории амалкунанда ҳуқуқ дорад ки:

- сохтори ташкилӣ, идоракунӣ ва шакли таълиму тарбия, илм ва муолиҷаро аз рӯи самтҳо ва ихтисосҳо мустақилона муайян кунад;
- кушодани магистратура, аспирантура, докторҳои PhD, докторантура, вазифаи ходимони илмӣ ва коромӯз, тибқи муқаррароти қонунгузории ҶТ сурат мегирад;
- ҳавасмандгардонии моддию маънавиро барои меҳнати пурмаҳсул ва дастгирии иҷтимоии кормандон амалӣ гардонад.
- меҳнатӣ зеҳнии ҳайати профессорон, устодон, кормандон ва донишҷӯёни худро самаранок истифода намояд;
- мустақилона ҷадвали воҳиди (штати) кории ҳайати шахсии донишгоҳ ва дигар шахсони ба таълиму фаъолият ҷалбшударо бе назардошти музди ниҳоӣ ё миёна дар доираи захираи музди меҳнат тибқи қонунгузорӣ муқаррар ва тасдиқ кунад;
- имтиёзҳои дохилиро барои ишғоли вазифаҳои дотсентон, профессорон, узвҳои вобаста ва пайваста ва дигар кормандони илмию таълимӣ ва табобатӣ, инчунин ба дигар кормандони донишгоҳ муқаррар намояд;
- махсусгардонии раванди таълим, муолиҷа ва тайёр намудани мутахассисонро аз рӯи шакли таълим бо намуди ихтисосҳо, инчунин махсусгардонии табобат ва дигар хизматрасонии тиббиро амалӣ намояд;
- ба муасиссаҳои илмию таълимӣ, кооператсия, корхонаҳо, иттиҳодияҳо, консернҳо, ташкилотҳо ё муассисаҳои байналхалқӣ, ки манфиатҳои умумиро ифода мекунанд (тайёр кардани мутахассисон, тадқиқотҳои илмӣ – методӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомӯзӣ, доираи иҷтимоӣ ва дигар шаклҳои фаъолият иҷозат дода) дохил шавад, аз онҳо барояд (хориҷ шавад);
- амволе, ки аз ҷониби Муассис ба вай вобаста карда шудааст, мувофиқи таъиноти онҳо ва мақсадҳои Оиномавиаш соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намуда, васоите, ки таъйиноташро дар натиҷаи истифодабарӣ гум кардааст, тибқи қонунгузорӣ аз ҳисоб барорад;
- амвол, воситаҳои пулӣ ва асъорие, ки дар натиҷаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, муолиҷавӣ, истеҳсолӣ ва дигар хизматрасониҳо ба даст медарорад, ихтиёрӣ кунад;

- васоити таълимӣ, илмӣ – истеҳсолӣ, дигар амволи манқул ва ғайриманқулро аз ҳисоби худ ва Муассис ё дигар шахсоне, ки кӯмаки молӣ мекунанд, тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба даст дарорад, ба иҷора гирад, ба иҷора диҳад;

- дар муассисаҳои қарздиҳӣ (бонкҳо) суратҳисоб, ҳисобҳои ҷорӣ, қарзӣ ва ғайра кушода аз онҳо қарз гирад;

- васоити иҷтимоӣ, табобатию варзишӣ, табобатгоҳҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, хоҷагии ёрирасон дошта бошад;

- комиссияи этикии дохилидонишгоҳиро таъсис диҳад;

- дар заминаи худ маҷмуаи таълимӣ, илмӣ, муолиҷавӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ки аз коллеҷҳо, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон, марказҳо ва ғайра иборат мебошанд, таъсис (барҳам) диҳад, инчунин нуқтаҳои машваратии минтақавиро созмон диҳад, усулҳои пешқадами таълиму тарбия, муолиҷа ва дигар хизматрасониро тибқи талаботи замон истифода намояд.

50. Таъсисдиҳӣ ва барҳамдиҳии ҷузъҳои таълимӣ ва илмиву табобатии Донишгоҳ (донишкадаҳо, пажӯҳишгоҳҳо, факултетҳо, кафедраҳо, коллеҷҳо, марказу озмоишгоҳҳо, шуъбаҳо, курсҳои такмили ихтисос, литсейҳо, филиалҳо ва ғайра), маркази хизматрасонӣ, марказҳои ташхисию табобатӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## IV. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ, МЕТОДӢ ВА ИЛМИИ ДОНИШГОҲ

51. Дар донишгоҳ вобаста ба муҳлат ва зинаҳои тайёр кардани мутахассисон барномаҳои гуногуни таълимии таҳсилоти олии касбӣ, барномаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва бозомӯзии мутахассисон татбиқ карда мешавад.

52. Самтҳои тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисон тибқи иҷозатномаи ба донишгоҳ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда ва Шаҳодатнома оид ба аккредитатсияи давлатӣ амалӣ мегардад.

53. Донишгоҳ дар ташкил ва гузаронидани раванди таълим истифодаи технологияи муосир, шакл ва методҳои пешқадами таълимиро ҷӯстуҷӯ намуда, баҳри баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон истифода менамояд.

54. Таълим дар Донишгоҳ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

55. Донишгоҳ нақша ва ҷадвали раванди таълимро, аз ҷумла барои омӯзиши инфиродии ашхоси алоҳида бо назардошти сатҳи тайёрии пешакӣ ва қобилияти онҳо мувофиқи низомномаҳои мавҷуда таҳия ва тасдиқ мекунад.

56. Донишгоҳ бо роҳи ташкили мақсадноки ҷараёни таълим, интихоби шаклу методҳо, воситаҳои таълим шароити зарурӣро барои аз худ кардани барномаҳои таълимии касбии донишҷӯён муҳайё мекунад.

57. Мазмуни таълим дар самтҳо ва ихтисосҳо тавассути Барномаҳои таълимии дар Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқшуда ва дар асоси стандартҳои

давлатӣ мураттабгардида, аз ҷумла таълими инфиродиро низ дар бар мегирад, муайян карда мешавад.

58. Донишгоҳ мазмун ва усулҳои раванди таълимро аз рӯи самтҳо, меъёри муҳлати азхудкунии нақшаҳои амалкардаистода, инчунин самтҳою ихтисосҳои нави раванди таълимие, ки тибқи стандарти давлатӣ муқаррар карда мешаванд, муайян мекунад. Нақшаҳои таълимӣ, ҷадвали раванди таълим, аз ҷумла таълими инфиродиро мувофиқи лаёқат ва заминаи тайёрии пешинаи муҳасилин таҳия ва тасдиқ мекунад.

59. Донишгоҳ донишҷӯён, шунавандагони Маркази омодагии қаблӣ, курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ, интернаҳо, ординаторҳо, унвонҷӯён, магистрантҳо, аспирантҳо, докторантҳо аз рӯи ихтисос ва докторантҳоро бо воситаҳои таълим таъмин карда, барои таҳсил ва кору зиндагии онҳо шароити мусоид муҳайё месозад.

60. Донишгоҳ дар интихоби низоми баҳогузорӣ, шаклу тартиби гузаронидани машғулиятҳо, аттестатсияи донишҷӯён ва шунавандагон мустақил мебошад.

61. Ба дигар корҳо ҷалб намудани донишҷӯёну шунавандагон, ки ба фаъолияти таълимӣ алоқаманд нестанд, манъ аст. Инчунин, истифода ва татбиқи усулҳои ғайрибашарии таълиме, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон таҳдид мекунад, манъ аст.

62. Дар Донишгоҳ намудҳои зерини машғулиятҳои таълимӣ муқаррар карда мешаванд: лексия, семинар, машғулияти амалӣ, кори лабораторӣ, кори контролӣ, коллоквиум, кори мустақилона, машварат, таҷрибаомӯзӣ, навиштани таърихи беморӣ, кори курсӣ (танзими нақшаи рисола навиштани рисолаи дипломӣ, кори магистрӣ), кори мустақилонаи донишҷӯй (КМД), кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор (КМРО). Донишгоҳ метавонад, ки намудҳои дигари корҳои таълимиро низ гузаронад. Барои ҳамаи намудҳои машғулиятҳои аудиторӣ як соати академӣ (50 дақиқа) муқаррар карда мешавад.

63. Соли таҳсил ба ду даври (таълимӣ) академӣ тақсим мешавад, ки бо давраи санҷишу имтиҳонот хотима меёбанд. Дар давраҳои якум ва дуюми (таълимӣ) академӣ 2 (ду) маротиба имтиҳон ва чаҳор (4) маротиба имтиҳони фосилавӣ гузаронида мешавад. Оғози соли таҳсил моҳи сентябр буда, бо муҳлати дар нақшаҳои таълимӣ нишондодашуда анҷом меёбад. Соли хониш бо Нақшаҳои таълимӣ муқаррар карда мешавад, давраи имтиҳони фосилавӣ – мувофиқи ҷадвали ҷараёни таълим, ки бо нақшаи кории таълимӣ муайян ва тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад.

64. Ҳадди аксари ҳатмии сарбории таълимии донишҷӯ дар як ҳафта бо назардошти ҳамаи шаклҳои корҳои таълимии аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ дар донишгоҳ вобаста ба низоми кредитии таҳсилот набояд аз ду кредит (48 соат) зиёд бошад. Ҳадди ақали ҳатмии машғулиятҳои аудиторӣ дар Донишгоҳ тибқи талаботи давлатӣ ба ҳадди ақали ҳатмии мазмуну мундариҷа ва дараҷаи омодагии хатмкунанда аз рӯи стандарти давлатии таълимии ҳар як ихтисос (самт) муайян карда мешавад. Ҳаҷми кредити машғулиятҳои аудитории донишҷӯ дар шакли таҳсили рӯзона дар як ҳафта барои зинаи таҳсилоти

«бакалавриат» ва «мутахассис»1,5 кредит (36 соат) ва барои зинаи таҳсилоти магистратура то 0,75 кредит (ё 18 соат) –ро ташкил медиҳад.

65. Барои бо муввафақият дар муҳлати муқарраршуда хатм намудани ҳамаи зинаҳои таҳсилот (барои бакалавриат ва мутахассис) миқдори кредитҳо дар нақшаи таълимии фардӣ барои як соли таҳсил дар ҳаҷми 70 кредит муқаррар карда мешавад.

66. Теъдоди умумии фанҳои таълимӣ барои ҳар як давраи академӣ дар зинаи таҳсилоти бакалавриат, зинаи таҳсилоти магистратура, зинаи таҳсилоти доктор аз рӯи ихтисос ва доктори фалсафа (PhD) дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот ва нақшаҳои таълимӣ самти дахлдор муайян карда мешавад.

67. Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон тибқи стандартҳои таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои тасдиқшудаи дохилидонишгоҳӣ фаъолияти таълимиро аз рӯйи низоми таҳсилоти кредитӣ ба роҳ мемонад.

68. Барои донишҷӯён дар давоми соли таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар карда мешавад, ки муддати умумии он аз 7 то 10 ҳафта мебошад. Давомнокии муайяни таътил тавассути Нақшаҳои тасдиқшудаи таълимӣ ва тақвимӣ мушаххас карда мешавад.

69. Ташкил ва такмили раванди таълим тавассути қисми таълим сурат мегирад. Сохтор ва вазифаи қисми таълим бо Низомномае, ки аз тарафи Шӯрои олимон тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад.

70. Вазифаи тарбиявии Донишгоҳ, ки аз табиати башардӯстонаи таълим, афзалияти арзишҳои инсонӣ бармеояд, дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятии толибилмон ва омӯзгорон татбиқ карда мешавад.

71. Тартиби баҳогузории донишҷӯён ва дигар муҳассилини донишгоҳ дар асоси Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

72. Аз курс ба курс гузаронидани донишҷӯ бо фармоиши ректори Донишгоҳ вобаста ба балли миенаи соли таҳсил (GPA), нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълим, амалӣ карда мешавад.

73. Ба донишҷӯёне, ки бо сабабҳои узрнок (новобаста аз хоҳишашон – беморӣ, даъват ба чорабиниҳои ҳарбӣ, карантин ва ғайра) аз натиҷаи соли таҳсил ноком дониста шудаанд, ҷадвали алоҳидаи имтиҳонсупорӣ муқаррар карда мешавад.

74. Донишҷӯён ва дигар муҳасилине, ки ҳамаи талаботи барномаҳои таълимиро пурра иҷро намудаанд, ба аттестатсияи хатми давлатии ниҳоӣ роҳ дода мешаванд, ки дар натиҷаи он ба хатмкунанда додани тахассуси (дараҷаи) «бакалавр», «мутахассис», «магистр» ва дипломи намунаи давлатӣ дар хусуси маълумоти олӣ ва нишони сарисинагии муқарраршуда дода мешавад. Ба диплом варақаи баҳоҳое, ки донишҷӯ ҳангоми таҳсил дар Донишгоҳ гирифтааст, замима мегардад.

75. Ба донишҷӯёне, ки Донишгоҳро тариқи таҳсили буҷавӣ хатм кардаанд ва тибқи санадҳои меъёрии амалкунанда хоҳиши дар муддати 3 сол тибқи роҳхат дар истеҳсолот кор карданро надоранд, диплом, замимаи он ва маълумотнома доир ба хатм баъди ба хазина ё суратҳисоби донишгоҳ пурра пардохт намудани маблағе, ки барои тайёр намудани як мутахассиси ҷавон давоми таҳсил дар донишгоҳ сарф мешавад, дода мешавад.

76. Ба донишҷӯёни Донишгоҳ, ки дар ҷараёни таҳсил муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда аз фанҳои таълимӣ на камтар аз 75% баҳои «аъло» ва боқӣ баҳои «хуб» дошта, имтиҳонҳои хатми давлатиро (аттестатсияи хатм) бо баҳои «аъло» ҷамъбаст намудаанд, бо қарори Комиссияи аттестатсионии давлатӣ дипломи аъло дода мешавад.

77. Ба донишҷӯёне, ки бо баҳои хубу аъло таҳсил менамоянд, стипендия дода мешавад. Андоза ва намудҳои он бо тартиби қонунгузорӣ ва санадҳои дохили донишгоҳӣ муайян карда мешавад.

78. Донишгоҳ бо қарори Шӯрои олимон метавонад стипендияҳои номӣ, аз ҷумла стипендияи «Ректор» - ро таъсис диҳад, ки андоза ва намудҳои онҳоро худи Донишгоҳ муқаррар мекунад.

79. Донишҷӯёну шунавандагон ва дигар муҳасилини донишгоҳ, ки аз ноҳияҳои дурдаст ва хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, тибқи имконият бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд. Хобгоҳ дар асоси аризаи донишҷӯ бо қарори маъмурият ва Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни Донишгоҳ дода мешавад.

80. Барои хониши аъло ва иштироки фаъолона дар корҳои илмӣ – таткиқотӣ ва ҷамъиятӣ ба донишҷӯён ва дигар муҳасилини донишгоҳ чораҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ мувофиқи Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ татбиқ карда мешавад.

81. Барои иҷро накардани барномаҳои таълимӣ, вайрон намудани уҳдадориҳои дар Оинномаи мазкур пешбинигардида, аз ҷумла барои вайрон кардани интизоми таълим, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, Қоидаҳои зист дар хобгоҳ, Қоидаҳои истифодабарии китобҳои китобхона ва риоя накардани Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои ҷазодиҳӣ то хориҷ намудан аз Донишгоҳ, ки дар Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнат пешбинӣ шудааст, татбиқ карда мешавад.

82. Интихоб ва шакли чораҳои муҷозотӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз рӯи пешниҳоди декани факултет, мудирони кафедраҳо, бахши ҷавонон, раисони созмонҳои ҷамъиятии Донишгоҳ ва дигар сохторҳои масъул сурат мегирад.

83. Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, ки онро стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пешбинӣ кардааст, дар асоси шартномаҳои байни Донишгоҳ ва корхонаю муассиса ва ташкилотҳо сурат мегирад, ки мувофиқи онҳо ин корхонаю муассиса ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон

ва тобеияти идоравии худ, ухдадоранд барои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни Донишгоҳ шароити мусоид муҳайё созанд.

84. Донишгоҳ корҳои методиро ташкил намуда, ба он роҳбарӣ менамояд. Ҳамоҳангсозии кори методӣ дар Донишгоҳ аз ҷониби воҳидҳои марбута, иттиҳодияҳои (марказҳои) таълимию методӣ амалӣ мегардад.

85. Вазифаҳои тарбиявии Донишгоҳ якҷоя бо фаъолияти таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, табобатӣ, истеҳсолии донишҷӯён ва омӯзгорон амалӣ гардонида мешавад.

86. Вазифаҳои асосии корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, ки дар Донишгоҳ гузаронида мешаванд, аз инҳо иборат мебошанд:

- таҳияи масоили назариявию амалӣ;
- таълифи китобҳо ва мақолаҳои илмӣ;
- иҷрои корҳои таҳқиқотии дорои хусусияти илмию методӣ;
- иҷрои корҳои илмию таҳқиқотии хусусияти эксперименталидошта;
- татбиқи дастовардҳои илмию таҳқиқотӣ дар амалияи клиникӣ.

87.Тадқиқоти илмие, ки дар Донишгоҳ ба роҳ монда мешавад, бо назардошти афзалиятнокии онҳо аз ҳисоби буҷети давлат, маблағи аз иҷрои корҳои шартномавӣ бадастомада, қарзи бонкӣ, маблағҳои худӣ, хайрияҳо ва дигар манбаъҳо маблағгузорӣ мешаванд.

88. Принсипи асосии соҳаи илм дар Донишгоҳ аз ҳамоҳангсозии он бо ҷараёни таълим, муолиҷа, инчунин бо илмҳои академӣ ва соҳавӣ иборат аст.

89. Донишгоҳ таҳқиқоти илмӣ ва корҳои эҷодиро аз рӯи нақшаи мавзӯӣ, ки онро Шӯрои олимон тасдиқ менамояд амалӣ сохта, истифодаи судманд ва босамари имкониятҳои илмии худ, сифати корҳои иҷрошаванда ва шароити бехатарии меҳнат, ҷалби васеи мутахассисони баландихтисос, донишҷӯён, шунавандагон ва дигар муҳасилинро барои иштирок дар корҳои илмию таҳқиқотӣ ва эҷодӣ таъмин мекунад.

90. Донишгоҳ бо тартиби ҳатмӣ таҳқиқоти бунёдӣ, ҷӯстуҷӯӣ ва амалиро, ки қисми таркибии тайёр кардани мутахассисон аст, татбиқ мекунад.

## V. ФАЪОЛИЯТИ МУОЛИҶАВӢ ВА МАШВАРАТИИ ДОНИШГОҲ

91. Донишгоҳ дар мувофиқа бо Муассис ҳуқуқ дорад пойгоҳҳои (базаҳои) клиникии донишгоҳиро ташкил намояд.

92. Фаъолияти муолиҷавӣ ва машваратии Донишгоҳ самтҳои зеринро фаро мегирад:

- ҳамоҳанг сохтани кори муолиҷа, машваратӣ ва сарпарастии устодону омӯзгорони Донишгоҳ дар базаҳои клиники худ ва дар дигар муассисаҳои муолиҷавию профилактикӣ;
- тавсияи кормандони варзида ба вазифаҳои сармутаххасисони соҳавии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳия ва тавсияи дастурҳои методӣ, дастурамалҳо, варақаҳои иттилоотӣ ва ғайра ба Муассис ҷиҳати татбиқи онҳо дар амал;

- роҳбарӣ ва назорати босифат гузаронидани таҷрибаи ҳамширагӣ ва табибии донишҷӯёни Донишгоҳ аз ҳисоби кормандони Донишгоҳ амалӣ карда мешавад;

- кормандони Донишгоҳ дар асоси шартномаҳо бо муассисаҳои тандурустӣ дар беморхонаҳои муолиҷавию профилактикии шаҳри Душанбе ва ҷумҳурӣ ба аҳолӣ ёрии машваратию табобатӣ мерасонанд;

- назорати ҷорӣ намудани усулҳои нави ташхис ва муолиҷа дар амалияи тиббӣ;

- назорати гузаронидани конференсияҳои клиникӣ ҷиҳати муҳокимаи ғалатҳои ташхисию тактикӣ, мушкилот ва ҳолатҳои фавт;

- назорат аз болои вазъи саломатии кормандон ва донишҷӯён ва ба онҳо расонидани кӯмаки зарурӣ барои ташхис, муолиҷа ва барқароршавии саломатӣ;

- ташкил ва роҳбарӣ ба кори комиссия доир ба таҳлили ҳолатҳои фавт дар базаҳои клиникӣ;

- бастани шартномаҳо байни Донишгоҳ ва муассисаҳои муолиҷавию профилактикӣ;

- ҳамоҳанг сохтани қабул ва тақсими асбобу таҷҳизоти тиббӣ ва дигар маводи тиббии масрафшаванда, ки дар ихтиёри Донишгоҳ қарор доранд;

- ташкили аттестатсия ва интиқоли маводи дахлдор ба комиссияи тахассусӣ доир ба додани дараҷаҳои тахассусӣ;

- ташкил ва бастани шартномаҳо ҷиҳати расонидани ёрии муолиҷавӣ, машваратӣ ва сарпарастӣ бо минтақаҳо ва муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ дар асоси шартнома;

- дигар фаъолияте, ки аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ бармеоянд.

## VI. ИДОРАКУНИИ ДОНИШГОҲ ВА НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ ОН

93. Донишгоҳ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи худ, Қоидаи тартиботи дохилии меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ идора карда мешавад.

94. Донишгоҳ аз тарафи Шӯрои олимон ва ректор идора карда мешавад.

95. Муассис Оинномаи Донишгоҳ ва ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба он тасдиқ мекунад, тағйир додани андозаи сармояи Оиномавии Донишгоҳ, тасдиқи ҳисоботи солона ва тавозуни муҳосибии Донишгоҳро амалӣ месозад.

96. Дар бораи азнавтаъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Донишгоҳ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод менамояд.

97. Шӯрои олимон мақоми олии интихобӣ ва намояндагии Донишгоҳ буда, онро ректори Донишгоҳ роҳбарӣ менамояд.

98. Шӯрои олимони Донишгоҳ дар ҳайати ректори Донишгоҳ (раис), муовинони ӯ, сармуҳосиб, деканҳои факултетҳо ва сардори воҳидҳои таркибӣ, мудирони воҳидҳои асосӣ , кормандони дигари илмию омӯзгорӣ, ва намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ инчунин намояндаи донишҷӯёни факултетҳо ташкил карда мешавад. 50 % фоизи шумораи умумии аъзои Шӯрои олимонро бевосита ректори Донишгоҳ таъйин менамояд. 50 % фоизи

боқимондаи аъзои онро Шӯроҳои олимони факултетҳо пешбарӣ менамоянд. Ректори Донишгоҳ ҳайати умумии Шӯрои олимони Донишгоҳро ба мӯҳлати 3 (се) сол тасдиқ мекунад.

99. Ташкили бевоситаи фаъолияти Шӯрои олимони Донишгоҳ ба зиммаи котиби он гузошта мешавад. Ректори Донишгоҳ котиби Шӯрои олимонро аз ҷумлаи аъзои Шӯрои олимон ба муҳлати 3 (се) сол ба вазифа таъйин ва озод менамояд.

100. Шӯрои олимони Донишгоҳ мувофиқи Низомномаи худ ва ҳамин Оиннома қарорҳо қабул менамояд. Қарорҳои Шӯрои олимон баъди ба имзорасӣ аз ҷониби Ректор эътибор пайдо менамоянд.

101. Тартиби кори Шӯрои олимон мувофиқи Низомномаи Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи худи он ва Оинномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

102. Шакли асосии фаъолияти Шӯрои олимон ҷаласаи он дониста мешавад. Ҷаласа дар он вақт салоҳиятдор ҳисоб карда мешавад, ки агар дар он аз 2/3 аз се ду ҳисаи аъзои он иштирок дошта бошанд.

103. Қарори ҷаласаи Шӯрои олимон ҳамон вақт ҳуқуқи амалӣ шуданро пайдо мекунад, ки агар аз нисфи зиёди аъзои Шӯрои олимони дар ҷаласа ҳузурдошта овоз диҳанд.

**<u>104. Ваколатҳои Шӯрои олимон</u>:**

- таҳияи Оинномаи Донишгоҳ ва масъалаи ба он ворид намудани тағйиру иловаҳоро баррасӣ менамояд;

- масъалаҳои асосии ташкили фаъолияти таълимӣ, таълимӣ – тарбиявӣ, илмӣ –тадқиқотӣ, муолиҷавӣ ва ғайраро дар самти тайёрӣ ва аз нав тайёр намудани мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва касбии махсус баррасӣ менамояд. Аз ҷумла, номгӯи курсҳои омӯхташаванда, муҳлати омӯзиши онҳо, шаклҳои назорати дониши донишҷӯён, вақти оғоз ва анҷоми давраҳои (семестрҳои) таълимиро муайян мекунад;

- масъалаҳои такмили идора ва сохтори Донишгоҳ, аз ҷумла ташкил, (барҳамдиҳии) марказҳо, донишкадаҳо, пажӯҳишгоҳҳо, факултетҳо, кафедраҳо, шуъбаҳо, лабораторияҳо ва дигар ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасониро баррасӣ менамояд;

- масъалаҳои асосии инкишофи иқтисодӣ ва иҷтимоии Донишгоҳро баррасӣ менамояд;

- харҷномаи даромад ва хароҷоти ғайрибуҷавии Донишгоҳро муҳокима намуда, ҳисоботи солонаи иҷрои харҷномаи мазкурро мешунавад ва хулосагирӣ мекунад;

- ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозӣ, Шӯрои таълимӣ – методӣ ва Шӯрои илмӣ – кординатсионии Донишгоҳро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

- натиҷаҳои фаъолияти солонаи таълимӣ, илмӣ, муолиҷавӣ, байналмилалӣ, тарбиявӣ ва хоҷагиро ҷамъбаст намуда барои беҳтар намудани онҳо тавсия медиҳад;

- ҳисоботи фаъолияти мудирони кафедраҳо, факултетҳо ва фаъолияти ҷамъиятҳои илмӣ, директорони марказҳо, раисони Шӯрои олимони факултетҳои дар назди Донишгоҳ қарордоштаро мешунаванд;

- нақша ва барномаҳои таълимии тайёр кардани бакалавр, мутахассисон, магистрон, интернаҳо ва ординаторони клиникӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандонро тасдиқ намуда, дар номгӯйи барномаҳои таълимии махсуси мутахассисон бо назардошти тағйирёбии талаботи соҳаи тандурустии Ҷумҳурӣ вобаста ба ислоҳотҳои соҳавӣ, стандартҳои таҳсилоти олии касбии ҷаҳонӣ (ФТТУ – Федератсияи таҳсилоти тиббии умумиҷаҳонӣ) ва ҷаҳонишавӣ ба ҳаҷми соатҳои аудитории фанҳои таълимии Нақшаҳои таълимии ихтисосҳо дар Донишгоҳ бо пешниҳоди қисми таълим то 20% тағйирот ворид менамояд.

- меъёрҳои намунавии вақтро барои ҳисоби ҳаҷми умумии корҳои таълимӣ, ки аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорон иҷро мешаванд, тағйир медиҳад ва пурра мегардонад;

- ҷадвали воҳидҳои корӣ (штатҳои корӣ) – ро баррасӣ намуда, низоми пардохти музди меҳнатро дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касабаи кормандон барои тасдиқ пешниҳод мекунад. Имтиёзҳои дохилӣ барои ишғол намудани вазифаҳои дотсентон, профессорон ва дигар кормандони илмию таълимиро муқаррар ва татбиқ мекунад;

- низомнома оид ба фаъолияти илмӣ ва аттестатсияро тасдиқ мекунад;

- магистратура, аспирантура, доктор PhD ва докторантураро мутобиқи қонунгузорӣ таъсис медиҳад;

- номзадҳоро барои дарёфти стипендиҳои номӣ ва инчунин стипендиҳои Шӯрои олимон аз ҷумлаи донишҷӯёни аълохони Донишгоҳ ва аспирантон тавсия менамояд;

- номзадҳоро барои дохил шудан ба докторантура, гузаронидан ба вазифаҳои ходими хурд ва калони илмӣ, инчунин додани рухсати эҷодии 3 моҳа, 6 моҳа ва 1 сола барои ба анҷом расонидани рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ тавсия намуда мавзӯи рисолаҳои доктириро тасдиқ менамояд;

- мувофиқи тартиботи муқарраршуда, шуъбаҳо, намояндагиҳо ва ихтисосҳои нав боз менамояд;

- нақшаҳои дурнамо ва мавзӯи пажуҳишҳои илмиро баррасӣ намуда, тасдиқ менамояд;

- низомнома оид ба кафедраҳо ва дигар ҷузъҳои таълимӣ, илмию инчунин дигар сохторҳои Донишгоҳро тасдиқ менамояд;

- низомномаи эътидоли вазифаҳои вакантии ҳайати профессорон – омӯзгоронро тасдиқ мекунад;

- Комиссияи тафтишотиро интихоб, низомнома ва ҳисоботи онро тасдиқ мекунад;

- интихоби довталабонро ба тариқи озмун барои ишғол кардани вазифаҳои вакантии ҳайати профессорону омӯзгорон амалӣ мекунад;

- масъалаҳои тайёрӣ, такмили ихтисос ва ҳавасмандкунии кадрҳоро баррасӣ намуда, барои дохил шудан ба аспирантура, доктор PhD, докторантура ва

гузаронидани муаллимон ба вазифаи ходими илмӣ ва анҷоми рисолаҳои докторӣ тавсияҳо медиҳад;

- ҳайат ва хулосаи қарори комиссияҳо ва шӯроҳои доимию муваққатан амалкунандаро тасдиқ мекунад;

- масъалаҳои дигареро, ки қонунгузорӣ ба салоҳияти он мансуб намудааст, ҳал менамояд.

105. Ректор бо пешниҳоди Муассис аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва озод карда мешавад.

106. Ба ректор иҷозат дода намешавад, ки ҳамзамон чӣ дар дохил ва чӣ берун аз Донишгоҳ вазифаи дигари роҳбарикунандаи музднокеро ишғол намояд, ба истиснои кори таълимӣ, илмӣ, методӣ ва муолиҷавӣ. Ректор наметавонад вазифаҳои худро ба тариқи ҳамкор иҷро намояд. Ҷавобгарии пурраи вазъи ҷараёни таълиму тарбия, корҳои илмӣ - тадқиқотӣ, муолиҷавӣ ва фаъолияти молиявию хоҷагии Донишгоҳ бар дӯши ректор аст.

107. Шакли асосии фаъолияти раёсати Донишгоҳ ҷаласаи он ба шумор меравад, ки моҳе як маротиба, ё ин ки дар ҳолатҳои зарурӣ бо ташаббуси ректор ё бо талаби 1/3 қисми аъзои он гузаронида мешавад.

108. Ҳайати аъзои раёсатро ректор ба муддати як соли таҳсил тасдиқ мекунад.

109. Ба ҳайати ректорат аз рӯи вазифаҳо дохил мешаванд: Ректор, муовинони ректор, ёварони ректор, ҳуқуқшинос, сармуҳосиб, деканони факултетҳо, роҳбарони марказҳо, шуъбаҳо (филиалҳо), намояндагиҳо ва роҳбарони созмонҳои ҷаъмиятии Донишгоҳ. Ба ҳайати раёсат олимони шинохта ва мутахассисони варзида низ шомил шуда метавонанд.

110. Раёсати Донишгоҳ дар доираи салоҳияти хеш қарор қабул мекунад. Ҷаласаи раёсат дар сурате салоҳиятдор ониста мешавад, ки дар он 2/3 ҳиссаи аъзо ҳузур дошта бошанд. Қарор бо аксарияти овоздиҳии кушод қабул карда мешавад.

**111. Раёсати Донишгоҳ**:

- барои амалӣ шудани барномаи тайёр намудани мутахассисон чораҳо меандешад;
- масъалаҳои мустақилияти фаврию хоҷагии Донишгоҳ ва фаъолияти таълимӣ, методӣ, ташкилотию илмӣ, маъмурию хоҷагии Донишгоҳро ҳал менамояд.
- доир ба истифодаи захираҳои Донишгоҳ қарор қабул менамояд;
- иҷрои воқеии Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, қарорҳои Шӯрои олимон, қарорҳои Коллективи меҳнатии Донишгоҳ, Шартномаҳои коллективӣ, Нақшаҳои таълимӣ, илмӣ ва муолиҷавии Донишгоҳ ро таъмин менамояд;
- мақомоти назоратии дохилидонишгоҳиро таъсис ва барҳам медиҳад.

**112. Ваколатҳои Ректори Донишгоҳ**:

- деканони факултаҳоро ба вазифа таъйин ва озод менамояд;

- иҷрои қарорҳои Муассис, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, коллективи Донишгоҳ, Шӯрои олимон ва раёсатро мувофиқи вазифа ва мақсадҳои Донишгоҳ таъмин менамояд;

- ба Шӯрои олимони Донишгоҳ дар бораи ворид сохтани тағйироту иловаҳо ба Оинномa, инчунин аз нав таҳия кардани он таклифҳо пешниҳод мекунад;

- аз номи Донишгоҳ амал карда, бе ваколатнома манфиатҳои онро дар мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ, бонкҳо ва дар назди ашхоси алоҳида ҳимоя менамояд;

- амвол ва маблағҳои пулии Донишгоҳро ихтиёрдорӣ мекунад;

- шартномаҳо имзо карда, ваколатнома медиҳад ва дар бонкҳо суратҳисобҳои Донишгоҳро мекушояд;

- кормандони Донишгоҳро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;

- дар доираи ваколати хеш фармоишҳо мебарорад, ки барои ҳамаи кормандон ва муҳасилини Донишгоҳ ҳатмӣ мебошад;

- дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва воҳидҳои кории мавҷудбуда сохтор ва воҳидҳои кории Донишгоҳро тасдиқ ва барҳам медиҳад;

- қоида ва низомномаҳои сохторҳои таркибии Донишгоҳро тасдиқ менамояд;

- барои ба вазифаи муовинони ректор таъйин кардан ва аз вазифа озод намудан ба Муассис номзадҳоро пешниҳод менамояд;

- вазифаҳоро байни муовинони ректор тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

- барои ба вазифаи сармуҳосиб таъйин кардан ва аз вазифа озод намудан ба Муассис номзадҳоро пешниҳод менамояд;

- директорони воҳидҳои таркибӣ, мудирони воҳидҳои асосӣ ва роҳбарони муассисаҳои маъмурию хоҷагиро ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод мекунад;

- кори раёсатро ташкил карда, ба он роҳбарӣ мекунад;

- Шӯрои олимони Донишгоҳро ташкил намуда, ба он роҳбарӣ ва қарорҳои онро тасдиқ мекунад;

- ба Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкили Шӯроҳои диссертатсионӣ дар назди Донишгоҳ дархост пешниҳод менамояд;

- қабул, хатм, хориҷ, барқарор ва интиқол намудани донишҷӯён, табиб – интернаҳо, ординаторони клиникӣ, магистрон, аспирантҳо, доктор PhD ва докторантҳоро амалӣ мекунад;

- дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад маблағи таҳсили шартномаи донишҷӯёнро то 50 % (фоиз) ба муддати як сол кам намояд;

- ҳисоботи солонаи Донишгоҳро ҳамасола ба Муассис пешниҳод менамояд;

- ваколатҳои дигаре, ки аз қонунгузории ҷорӣ ва ҳамин Оиннома бармеоянд, иҷро менамояд.

113. Роҳбарии фаъолияти факултетро декан ба уҳда дорад, ки онро ректори Донишгоҳ аз ҷумлаи устодони унвони илмидошта ба муҳлати то 4 сол ба вазифа таъйин ва аз он озод менамояд.

114. Декан вазифадор аст:

- роҳбарии бевосита ба корҳои таълимӣ – методӣ, ташкилӣ-методӣ, тарбиявӣ ва илмиро дар факултет таъмин намояд;
- иҷрои нақшаҳо, барномаҳо ва ҷадвалҳои таълимиро таъмин менамояд;
- иҷрои ҷадвали машғулиятҳои таълимиро назорат намояд;
- баҳисобгирии пешрафт ва иштироки донишҷӯён, муқаррар намудани мӯҳлатҳои санҷишу имтиҳонсупорӣ ва таъмини ин раванд бо ҳуҷҷатҳои заруриро ташкил намояд;
- чорабиниҳоро оид ба ташкили ҷараёни таълим, баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисонро баррасӣ ва амалӣ намояд;
- ба ректор дар бораи гузаронидани донишҷӯён аз курс ба курс, додани рухсатии академикӣ, нақшаҳои инфиродӣ, хориҷ ва барқарор намудани онҳо пешниҳод манзур намояд;
- баррасӣ ва амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба беҳдошти шароити зисту маишӣ, моддӣ ва саломатии донишҷӯён;
- якҷоя бо кумитаи иттифоқи касаба ва созмони ҷавонон муҳокима ва ҷудо намудани ордерҳо барои ҳуқуқи зист дар хобгоҳ;
- ҳал намудани дигар масъалаҳои дар салоҳияти ӯ буда мувофиқи Оинномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда.

115. Дар факултет таҳти роҳбарии декан Шӯрои олимони факултет ба мӯҳлати 3-сол ташкил карда мешавад. Тартиби ташкил ва ваколати Шӯрои олимони факултет бо низомномаи Шӯрои олимони факултет муайян карда мешавад.

116. Роҳбарии Шӯрои олимони факултетро декани факултет ба ӯҳда дорад.

117. Барои ба роҳ мондани корҳои илмӣ – методӣ дар факултет Шӯрои таълимӣ – методӣ таъсис дода мешавад. Роҳбари Шӯрои таълимию методӣ аз ҳисоби устодони унвони илмидошта аз ҷониби Шӯрои олимони факултет интихоб карда мешавад.

118. Роҳбарии фаъолияти кафедраҳо ба дӯши мудир аст. Интихоби мудири кафедра, ҳамчун қоида, аз ҷумлаи номзадону докторони илм, профессорон тибқи тартиби муқарраргашта сурат мегирад.

119. Ишғоли вазифаҳои мудири кафедраҳо (умумидонишгоҳӣ ва факултетӣ), аз рӯи озмун ба мӯҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ тибқи қоидаҳои амалкунанда сурат мегирад.

120. Аттестатсия, акредитатсия ва иҷозатномадиҳии Донишгоҳ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

## VII. ҚАБУЛ БА ДОНИШГОҲ

121. Қабул ба Донишгоҳ мувофиқи аризаи шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ дар асоси озмун аз рӯи натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, ки дар Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ гузаронида мешавад, ба

истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

122. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд дар асоси озмун пас аз имтиҳони марказонидаи дохилшавӣ, ки дар Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ гузаронида мешавад, дар Донишгоҳ ба таври ройгон маълумоти олии касбӣ гиранд, агар онҳо маълумоти олии касбиро бори аввал гирифта бошанд.

123. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, қабули шаҳрвандонро танҳо дар сурати мавҷуд будани иҷозатнома эълон намуда, вазифадор аст довталабонро бо иҷозатномаи ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ, ҳамчунин бо шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ доир ба ҳар як соҳаи таълим (ихтисос), ки ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқи ҳуҷҷати намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ медиҳад, шинос намояд. Бо шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ шинос намудани довталаб оид ба кадом соҳаи таълим (ихтисос)-ро интихоб кардани ӯ ё набудани чунин шаҳодатнома дар ҳуҷҷатҳои қабул қайд карда мешавад ва ба он довталабон имзо мегузоранд.

124. Нақшаи умумии аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ қабул кардани донишҷӯён ба Донишгоҳ аз тарафи Муассис, Вазорати маориф ва илми ҶТ дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ муқаррар карда мешавад.

125. Довталабон ба таълими пулакӣ танҳо баъди супоридани имтиҳонҳои қабул дар Маркази миллии Тестии назди Президенти ҶТ ва пардохти ҳаққи таълим (мувофиқи шартнома) қабул карда мешаванд. Аз таълими пулакӣ ба таълими ройгон ва аз таълими ройгон ба таълими пулакӣ гузаронидани донишҷӯён иҷозат дода мешавад. Тартиб ва гузаронидани онро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

126. Ба аспирантураи Донишгоҳ дар асоси озмун шахсоне, ки таҳсилоти олии касбии мутахассис ё магистр доранд, қабул карда мешаванд. Таълими аспирантура дар шӯъбаи рӯзона 3 сол ва дар шӯъбаи ғоибона 4 сол муқаррар карда мешавад.

127. Ба докторантураи Донишгоҳ, муассисаю ташкилотҳои илмии мустақили он шахсоне, ки дараҷаи илмии номзади илм доранд, қабул карда мешаванд.

128. Мӯҳлати таҳсил дар докторантураи Донишгоҳ то се сол мебошад. Инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи алтернативии докторантура аз рӯи ихтисоси муайян бо додани дараҷаи олии академӣ – доктори PhD, доктор аз рӯи ихтисос баъди хатми барномаи таълимии касбии магистратура, ординатураи клиникӣ амалӣ мегардад.

129. Шаҳрвандони хориҷӣ ба сафи донишҷӯён, интернатура, ординатураи клиникӣ, магистратура, аспирантура, доктор PhD ва докторантураи Донишгоҳ тибқи қарордодҳои байналмилалӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ ва шартномаҳои инфиродӣ баъди баробарарзии ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот қабул карда мешаванд.

130. Қабул ба сафи донишҷӯён, магистратура, интернатура, ординатураи клиникӣ, аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос ва докторантура мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

131. Қабули мутахассисон ба ординатураи клиникӣ дар асоси озмун, нақшаи қабул ба ординатураи клиникӣ ва протоколи тақсимоти фардии хатмкунандагони Донишгоҳ ба таври шартномавӣ ва ё буҷавӣ ба муҳлати 2 сол амалӣ мегардад,

132. Қабул ба интернатура ва ординатура дар асоси протоколи тақсимоти фардии хатмкунандагони Донишгоҳ ва аризаи мутахассис ба муҳлати 11 моҳ ба таври шартномавӣ ва буҷавӣ гузаронида мешавад.

## VIII. ҲУҚУҚ, ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮЁНУ ШУНАВАНДАГОНИ ДОНИШГОҲ.

133. Донишҷӯ ва шунаванда шахсоне мебошанд, ки бо тартиби муқарраршуда ба Донишгоҳ қабул карда шуда, дар шуъбаҳои рӯзона бо мақсади гирифтани зинаи муайяни таҳсилот ва ихтисос таҳсил менамоянд.

134. Ба донишҷӯи Донишгоҳ шаҳодатномаи донишҷӯ ва дафтарчаи имтиҳонотии намунаи муқарраршуда дода мешавад.

135. Донишҷӯёни Донишгоҳ ҳуқуқ доранд:

- дар ташкили мазмуну мундариҷаи таълими худ бо риояи талаботи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ иштирок намоянд. Ин ҳуқуқи онҳо бо шартҳои шартномаи байни донишҷӯи Донишгоҳ ва шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки барои таҳсил ва ба кор таъмин кардани онҳо мусоидат мекунад, маҳдуд шуда метавонад;
- курсҳои факултативӣ барои самти нишондодашавандаи таълим (ихтисос) ва курсҳои элективиро (ба таври ҳатмӣ интихобнамуда), ки аз ҷониби факултет ва кафедраи дахлдор пешниҳод мегарданд, интихоб намоянд;
- ғайр аз фанҳои таълимии (ихтисосии) соҳаи интихобшуда ҳар гуна фанҳои дигареро, ки дар Донишгоҳ омӯзонида мешаванд, бо тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи он аз бар намоянд;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тахассуси ҳарбӣ таълим гиранд;
- тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолати мавҷуд будани ҷойҳои холӣ аз шакли таълими пулакӣ ба шакли таълими ройгон гузаранд;
- дар муҳокима ва ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла, ба воситаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатии идораи маориф иштирок намоянд;
- аз китобхонаҳо, китобхонаҳои электронӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет, фондҳои иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахшҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ ва бахшҳои дигари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври ройгон истифода намоянд;
- дар корҳои илмию таҳқиқотӣ, конференсияву симпозиумҳо ва маҳфилу озмунҳо иштирок ва баромад намоянд;

- асарҳои худро барои чоп, аз ҷумла дар нашрияҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод кунанд;

- аз амру фармоишҳои маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти дахлдор шикоят кунанд.

136. Донишҷӯёни Донишгоҳ, ки аз ҳисоби маблағи буҷети давлат таълим мегиранд, ба андозаи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо стипендия таъмин карда мешаванд. Тартиби муқаррар ва пардохти стипендия аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

137. Донишҷӯёни Донишгоҳ дар асоси низомномаи дахлдор ҳуқуқ доранд стипендияи муқаррарнамудаи шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқиро, ки онҳоро барои таҳсил фиристодаанд, инчунин стипендияҳои шахсан таъиншударо гиранд.

138. Барои донишҷӯёни шакли рӯзонаи таҳсилот, ки дар Донишгоҳ таҳсил мекунанд, муҳлати даъват ба хидмати ҳарбӣ мутобиқи қонун дар давраи таҳсил ба таъхир андохта мешавад.

139. Донишҷӯёни Донишгоҳ ҳуқуқ доранд, аз китобхонаҳои давлатӣ ройгон истифода баранд ва ҳамчунин ройгон вориди осорхонаҳои давлатӣ шаванд.

140. Барои донишҷӯён Донишгоҳ дар як соли таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар мешавад.

141. Донишҷӯи эҳтиёҷманди манзил дар хобгоҳ (ба шарте ки муассисаи таҳсилоти олии касбӣ фонди дахлдори манзил дошта бошад) бо ҷойи хоб таъмин карда мешавад.

142. Донишҷӯёни Донишгоҳ барои комёбиҳо дар таҳсил ва иштироки фаъолона дар корҳои илмию таҳқиқотӣ мутобиқи Оинномаи Донишгоҳ бо мукофотҳои маънавӣ ва ё моддӣ сарфароз гардонида мешаванд.

143. Донишҷӯёне, ки ба оилаҳои камбизоат мансубанд ва дар асоси шартнома таҳсил менамоянд, баъди чаҳор семестрро бо баҳои «хуб» ва 75 фоиз «аъло» супоридан, ҳақ доранд, бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ ба таҳсили ройгон гузаранд. Шӯрои олимон дар ин хусус метавонад Қарор қабул намояд, ки агар маблағи буҷаи ҷудокардашуда ба Донишгоҳ имкон фароҳам созад.

144. Ба донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ кафолати ба таври озод ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ё ихтисоси дигар бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштан дода мешавад. Дар мавриди гузаштани донишҷӯ аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи дигари таҳсилоти олии касбӣ тамоми ҳуқуқҳое, ки барои донишҷӯ бори аввал дар ин зинаи таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудаанд, маҳфуз мемонанд.

145. Масъалаи додани рухсатии академӣ, хориҷ, барқарор кардан ва интиқоли донишҷӯён тибқи Низомномаи хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда сурат мегирад.

146. Ба донишҷӯи Донишгоҳ аз рӯи нишондоди тиббӣ ва дар ҳолатҳои дигари истисноӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми давлатии идораи маориф рухсатии академӣ дода мешавад. Додани рухсатии акдемӣ, хориҷ, барқарор ва

интиқоли донишҷӯён дар Донишгоҳ аз ҷониби Комиссияи амалкунандаи донишгоҳӣ дар асоси пешниҳоди деканати факултетҳо ҳаллу фасл гашта, бо саннади дахлдор ба расмият дароварда мешавад.

147. Додани рухсатии акдемӣ дар чунин ҳолатҳо ҷой дошта метавонад: аз рӯи бемориӣ, вазъи оилавӣ ва молиявӣ.

148. Рухсатии академӣ аз рӯи беморӣ ба донишҷӯён дар асоси нишондодҳои тиббӣ, дар баробари муваққатан корношоям будан ба сабаби тӯлкашии беморӣ ва ҳолати ҳамлу таввалуд дода мешавад. Ин масъала дар асоси хулосаи комиссияи тиббии машваратӣ (КТМ), дар хусуси зарур будани додани рухсатии академӣ ҳалли худро меёбад. Дар ин сурат донишҷӯро лозим аст, ки ба КТМ нусхаи таърихи беморӣ, гувоҳнома дар бораи корношоямии муваққатияшро пешкаш намояд.

149. Додани рухсатии академӣ ба донишҷӯёни курси якум бо сабаби беморӣ баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар ҳолатҳои истисноӣ бо рухсати ректорат мавриди ҳаллу фасл қарор мегирад.

150. Додани рухсатии академӣ аз рӯи вазъи оилавӣ ва молиявӣ барои нигоҳубини волидони гирифтори бемории вазнин, ҳамсарон ё фарзандон (дар сурати манзур кардани ҳуҷҷатҳои дахлдор), камбизоатӣ, бесарбон мондан ҳаллу фасл мегардад. Ба донишҷӯёне, ки дар натиҷаи сесияи имтиҳонӣ аз имтиҳон баҳои ғайриқаноатбахш (бад) гирифтаанд, рухсатии академӣ дода намешавад. Дар давраи сесияи имтиҳонӣ ба донишҷӯён рухсатии академӣ дода намешавад.

151. Ба донишҷӯёне, ки бо сабаби беморӣ, корношоямии муваққатӣ ва ё муваққатан аз даст додани қобилияти меҳнатӣ давоми 14 (чаҳордаҳ) рӯзи таҳсил ба дарсҳо иштирок накунанд ба онҳо новобаста аз хоҳишашон рухсатии академӣ дода мешавад.

152. Донишҷӯ баъди ихтиёран ё бо сабабҳои дигар тарк кардани Донишгоҳ зимни боқӣ мондани ҳамон шакли таълим (ройгон ё пулакӣ), ки мутобиқан пеш аз тарк кардан таҳсил мекард, ҳақ дорад барои таҳсил ба муассисаи олии таълимӣ барқарор гардад.

153. Хатмкардагони Донишгоҳ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кор таъмин карда мешаванд.

154. Донишҷӯёни Донишгоҳ ҳуқуқ доранд аз дигар ҳуқуқу имтиёзҳо ва кафолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, истифода намоянд.

155. Донишҷӯёни Донишгоҳ ухдадоранд:

- донишҳои назариявӣ, маҳорати амалӣ ва методҳои муосири таҳқиқро аз рӯи ихтисоси интихобнамудаашон азхуд кунанд;
- дар мухлатҳои муқарраршуда ҳамаи супоришҳои дар нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ пешниҳодгардидаро иҷро намоянд;
- баҳри баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ, камолоти ахлоқӣ саъю кӯшиш кунанд;
- арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва маънавиро пос доранд;

- Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳ, қарорҳоии Шӯрои олимон ва раёсати Донишгоҳ, Кодекси ахлоқии донишҷӯӣ, қоидаҳои зист дар хобгоҳҳо ва дигар талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд;

- аз телефонҳои мобилӣ дар раванди таълим истифода накунанд;

- ба амвол ва сарвати Донишгоҳ, ҳамчунин ба сарулибоси махсус, маҳсулоти хом, китоб ва ғайраро, ки Донишгоҳ ба ихтиёрашон вогузоштааст, эҳтиёткорона муносибат кунанд. Ҳангоми расонидани зарар (барқасдона шикастан, несту нобуд кардани амвол) ба донишгоҳ товони онро пурра диҳанд;

- қоидаҳои бехатарии зидди сӯхтор ва ҳифзи муҳити зистро риоя намоянд;

- баъд аз хатми Донишгоҳ тибқи нақшаи тақсимоти фардии мутахассисони ҷавон барои дарёфти кор аз рӯи ихтисос мутобиқи қарори комиссияи бакортақсимкунии давлатӣ ба кор ҳозир шаванд ва онҳое, ки аз ҳисоби сарпарастон ва дигар сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ таҳсил намуданнд, ба ихтиёри сарпарасташон ҳозир шаванд.

156. Донишҷӯ аз Донишгоҳ дар ҳолатҳои зерин хориҷ карда мешавад:

- дар асоси ариза бо хоҳиши худи донишҷӯ;

- бо сабаби гузаштан ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар;

- барои давомоти нокифоя тибқи низоми кредитӣ дар як даври академӣ, яъне бесабаб дар ҳаҷми зиёда аз 36 соат ба дарсшиканӣ роҳ додан;

- барои тибқи шартнома дар муҳлати муқарраршуда пардохт нахардани маблағи таҳсил;

барои пас аз рухсатии академӣ сари вақт идома надодани таҳсил;

- бо сабаби дар даври асосии сессияи имтиҳонӣ доштани қарзи академӣ аз 3 ва зиёда фанҳои таълимӣ ё аз як фанни таълимӣ се маротиба гирифтани баҳои ғайриқаноатбахш;

-бо сабаби дар триместр бартараф накардани қарзи академӣ аз як фанни таълимӣ, новобаста аз он, ки пайдарпайии омӯзиши он ҳатмӣ мебошад;

- барои вайрон кардани қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва Оинномаи Донишгоҳ;

- барои содир кардани ҷиноят;

- пас аз фавт.

- барои вайрон кардани ҷараёни таълим ва низоми қабулу супоридани имтиҳон, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва Оинномаи Донишгоҳ, дар ҳолати мастӣ ба Донишгоҳ ҳозир шудан, тамоку кашидан дар биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳо, барқасд шикастани асбобу анҷом ва лавозимоти таълимӣ, табобатӣ, ҳоҷагӣ ва дигар молу ашё, ташкил намудани мунокишаи лафзӣ ва ҷисмонӣ дар дохил ва берун аз ҳудуди Донишгоҳ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ, ислоҳ намудани ҳуҷҷатҳои таълимӣ, истифодаи телефонҳои мобилӣ ва вайрон намудани Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дигар ҳолатҳое, ки дар қонунгузории ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудаанд.

157. Донишҷӯёне, ки дар давраи таҳсил дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ тибқи ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаи суд ба ҷиноятҳои куштор, таҷовуз, хариду фурӯши маводи мухаддир даст задаанд, ё ба ҳизбу ҳаракатҳои тундрав ва ифротгаро шомил гардидаанд, аз Донишгоҳ бе ҳуқуқи барқароршавӣ хориҷ карда мешаванд. Дар сурати бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба Донишгоҳ омадан донишҷӯ бе ҳуқуқи барқарор шудан ба муҳлати се сол хориҷ карда мешавад.

158. Донишҷӯ бо қарздории академӣ тибқи низоми кредитии таҳсилот ё низоми анъанавӣ аз сафи донишҷӯён дар он сурат хориҷ карда мешавад, ки агар:

- се ва зиёда имтиҳонро (фанро) ё аз як фанни таълимӣ се маротиба гирифтани баҳои ғайриқаноатбахш;
- имтиҳонҳои давлатии хатмкуниро супорида натавониста бошад (баъди кӯшиши аввалин);
- аз имтиҳони хатм як маротиба баҳои «ғайриқаноатбахш» гирифта бошад;
- агар қарзи академии худро дар муҳлати муқарраргардида аз семестри гузашта супорида натавониста бошад.

159. Барои риоя накардани уҳдадориҳое, ки дар Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ пешбинӣ гардидаанд, баъди гирифтани баёноти хаттӣ, мумкин аст ба донишҷӯ тибқи тартиби муқарраргардида муҷозоти интизомӣ дар намуди Сарзаниш, Танбеҳ, Танбеҳи қатъӣ ва аз донишгоҳ хориҷ намудан эълон карда шавад.

160. Муҷозоти интизомӣ ба донишҷӯ на дертар пас аз як моҳи ошкор шудани рафтори ӯ ва на дертар пас аз шаш моҳи содир гардидани чунин рафтор дода мешавад, ки ба ин муҳлати бемории донишҷӯ ва (ё) вақти таътили ӯ дохил намешавад.

161. Шунавандагони Донишгоҳ шахсоне дониста мешаванд, ки дар Маркази омодагии қаблӣ, марказҳо ва сохторҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандон, дар курсҳои омӯзишӣ, инчунин дар интернатура, ординатураи Донишгоҳ таҳсил менамоянд.

162. Вазъи ҳуқуқии шунавандагони Донишгоҳ ба вазъи ҳуқуқии донишҷӯён баробар аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ ва санадҳои дохилӣ муайян намудааст.

163. Шахсоне, ки дар ординатура таҳсил мекунанд ё таҳсили тахассусии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро дар Донишгоҳ аз ҳисоби буҷет идома медиҳанд, бо стипендияи давлатӣ таъмин карда мешаванд ва аз таътили ҳарсолаи 24 – рӯза истифода мебаранд.

164. Вазъи ҳуқуқӣ, тартиби қабул, хориҷ ва хатм дар интернатура ва ординатураи клиникӣ тибқи Низомнома тасдиқнамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

165. Комиссияи аттестатсионии хатми интернатура аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад. Раиси комиссия, аъзои он макони баргузории имтиҳон ва вақти он бо

фармоиши вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муқаррар карда мешавад.

## IX. ҲУҚУҚУ УХДАДОРИҲОИ АСПИРАНТҲО, УНВОНҶӮЁН ВА ДОКТОРАНТҲО.

166. Шакли асосии тайёр кардани кормандони илмӣ ва илмию омӯзгори баландихтисос магистратура, аспирантура, докторантура аз руи ихтисос ва докторантураи PhD ва постдокторантура маҳсуб меёбад.

167. Магистратура, аспирантура, докторантура аз руи ихтисос ва докторантура барои таҳсилоти муттасил, такмили ихтисоси илмию омӯзгорӣ ва илмии шаҳрвандон ва дарёфти дараҷаи илмии номзад ё доктори илм шароит фароҳам меорад.

168. Қабул ба магистратура, аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос, докторантураи анъанавӣ дар Донишгоҳ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

169. Ба шахсоне, ки барои супоридани имтиҳони аспирантура, докторантура аз руи ихтисос иҷозат доранд, ба муҳлати 30 рӯзи тақвимӣ рухсатӣ, бо пардохти музди миёнаи корашон аз тарафи корхона, дода мешавад.

170. Барои шахсоне, ки дар бахши магистратура, рӯзонаи аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунанд, стипендияи давлатӣ муайян карда мешавад ва онҳо ҳар сол ба муддати ду моҳ ба таътил мебароянд.

171. Аспирантҳои бахши ғоибона ҳар сол аз ҷои кор ба муддати 30 рӯзи тақвимӣ бо пардохти музди миёнаи маош ҳуқуқи ба рухсатии таълимӣ баромаданро доранд.

172. Аспирантҳои бахши ғоибона ҳар ҳафта барои як рӯз аз кор озод шудан бо пардохти панҷоҳ фоизи музди меҳнат ҳуқуқ доранд. Ташкилоти кордиҳанда ҳуқуқ дорад аспирантҳоро дар соли чоруми таҳсил мувофиқи хоҳиши онҳо ба таври илова бе пардохти музд ҳар ҳафта ду рӯз аз кор озод намояд.

173. Аспирантҳои бахши ғоибона дар давраи супурдани имтиҳон ва навиштани рисолаи илмӣ бо хобгоҳ таъмин карда мешаванд (ба шарте ки Донишгоҳ фонди манзил дошта бошад).

174. Ба докторантҳо стипендияи давлатӣ ба андозаи на камтар аз маоши дотсент ва ҳар сол таътили думоҳа дода мешавад. Ҳуқуқҳои дар ҷои кор пеш аз дохил шудан ба докторантура доштаи докторантҳо (ҳуқуқи гирифтани манзил, дараҷаи илмӣ ва дигар ҳуқуқҳо) ва ҳамчунин ҳуқуқи баргаштани онҳо ба ҷои кори пешина ҳифз карда мешавад.

175. Ба ҳар аспирантон, докторантои аз рӯи ихтисос, докторанте, ки аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунад, барои хариди китобҳои илмӣ ҳар сол ба андозаи ду стипендия кӯмакпулӣ дода мешавад.

176. Унвонҷӯёне, ки дар таълифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм таҳқиқот мебаранд ва аз рӯи масъалаи мубрами иҷтимоию иқтисодӣ ё самтҳои афзалиятноки тадқиқоти бунёдии илмӣ натиҷаҳои назаррас ба даст овардаанд, бо мақсади таҳияи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори илм метавонанд ба мухлати то ду сол ба вазифаи корманди калони илмӣ гузаронида шаванд. Барои унвонҷӯёне, ки ба вазифаи кормандони калони илмӣ гузаронида шудаанд, бо нигоҳ доштани маоши вазифавии пешинаашон, ҳуқуқи ба ҷои кори пештара гузаштан дода мешавад.

177. Барои анҷоми рисолаи илмии дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм ба кормандони корхона ва муассисаю ташкилотҳо аз ҷои корашон мутаносибан ба мухлатҳои се ва шаш моҳ бо нигоҳ доштани музди меҳнат рухсатии эҷодӣ дода мешавад.

178. Докторантҳо, аспирантҳо, магистрантҳо ва унвонҷӯён аз дигар ҳуқуқу вазифаҳое бархӯрдоранд, ки аз низомномаҳое, ки дар бораи докторантура, аспирантура ва ғайра ба тарзи муқарраргардида тасдиқ мегарданд.

## X. ҲУҚУҚУ ВАЗИФАҲОИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ ДОНИШГОҲ.

179. Дар Донишгоҳ вазифаҳои кормандони илмию омӯзгорӣ (ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ), муҳандисию техникӣ, маъмурию хоҷагӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёрирасон ва ғайра пешбинӣ мешаванд.

180. Ба ҳайати профессорону омӯзгорон декани факултет, мудири кафедра, профессор, дотсент, муаллими калон, муаллим ва ассистент мансубанд.

181. Бо мақсади баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон дар шароитҳои нави иқтисодӣ ба даст овардани таносуби микдори омӯзгорону донишҷӯён дар курсҳои якуму дуюм ва минбаъда тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда сурат мегирад.

182. Ишғол намудани ҳамаи вазифаҳои кормандони илмӣ – омӯзгорӣ дар Донишгоҳ мувофиқи шартномаи меҳнатӣ, ки ба мухлати муайян имзо карда мешавад, сурат мегирад.

183. Мудири кафедраи Донишгоҳ дар асоси озмун интихоб мешавад. Тартиби ишғоли вазифа ва гузаштан аз озмун барои иҷрои вазифаи мудири кафедра дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба роҳ монда мешавад.

184. Дар Донишгоҳ ба кор қабул кардан ва аз кор озод намудани кормандони илмию омӯзгорӣ (ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ), муҳандисию техникӣ, маъмурию хоҷагӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёрирасон ва ғайра бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда аз ҷониби ректори донишгоҳ дар асоси шартномаи меҳнатӣ ба роҳ монда мешавад.

185. Сарбории таълимии ҳайати профессорону омӯзгорон аз тарафи Донишгоҳ тибқи қоидаҳои амалкунанда бо назардошти тахассус, хусусият ва аҳамиятнокии фаъолияти онҳо муқаррар карда мешавад.

186. Кормандони илмию омӯзгории Донишгоҳ ҳуқуқ доранд:

- дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои марбут ба фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иштирок намоянд;
- аз хидмати китобхонаҳо, китобхонаҳои электронӣ, технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, интернет, фондҳои иттилоотӣ, шуъбаҳои илму таълим ва ҳамчунин, аз хидмати шуъбаҳои иҷтимоию маишӣ, табобатӣ ва шуъбаҳои

дигари сохтори Донишгоҳ вобаста ба имкониятҳои мавҷуда ба таври ройгон истифода кунанд;

- мазмуни курсҳои таълимиро мутобиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ муайян кунанд;

- бо тартиби муқаррargардида ба Шӯрои олимони Донишгоҳ интихоб кунанд ва интихоб шаванд;

- аз имтиёзоте, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ва шартномаҳои коллективии Донишгоҳ ва ҳамчунин қарорҳои Шӯрои олимони Донишгоҳ муқаррар кардаанд, истифода баранд;

- аз болои фармоишу супоришҳои Раёсати Донишгоҳ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ шикоят кунанд;

- кормандони кафедраҳои клиникии Донишгоҳ дар қатори сарбории таълимию тарбиявӣ, илмию тадқиқотӣ дар шароити пойгоҳи клиникӣ ба корҳои ташхисию табобатӣ ва машваратӣ машғул шаванд;

- Кодекси ахлоқии омӯзгори Донишгоҳро риоя намоянд.

187. Кормандони илмию омӯзгории Донишгоҳ уҳдадоранд:

- Конститутсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи ва дигар санадҳои дохилидонишгоҳиро қатъиян ва бечуну чаро риоя намоянд.

- самараи баланди раванди кори омӯзгорӣ ва илмиро таъмин кунанд;

- муҳасилинро дар рӯҳияи мустақилият, ташаббускорӣ тарбия кунанд, қобилияти эҷодии онҳоро инкишоф диҳанд;

- ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва ахлоқиву маънавӣ эҳтиром гузоранд;

- барои такмили ихтисоси худ ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии касбӣ пайваста кӯшиш намоянд;

- дар раванди таълим аз телефонҳои мобилӣ истифода набаранд;

-дигар уҳдадориҳоеро иҷро намоянд, ки қонунгузории амалкунанда пешбинӣ намудааст.

188. Кормандони илмии Донишгоҳ ҳуқуқ доранд он усулҳо ва воситаҳои гузаронидани таҳқиқоти илмиеро интихоб намоянд, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавобгӯ бошанд, ба қобилияти инфиродии онҳо бештар мувофиқат кунанд ва сифати баланди раванди илмиро таъмин намоянд.

189. Ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони маъмурию хоҷагӣ, муҳандисию техникӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёридиҳанда ва дигар кормандони Донишгоҳро қонунгузорӣ оид ба меҳнат, Оинномаи Донишгоҳ, қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳ ва дастурҳои вазифавӣ (мансабӣ) муайян мекунанд.

190. Барои комёбиҳои таълимӣ, методӣ, илмӣ, тарбиявӣ, муолиҷавӣ ва дигар фаъолияти пешбинишуда ҳайати профессорону устодон ва дигар кормандони Донишгоҳ тибқи Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ бо шаклҳои гуногуни ҳавасмандкунии маънавию моддӣ қадр карда мешаванд.

# XI. ОМОДАГӢ ВА ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ КОРМАНДОНИ ИЛМИЮ ОМӮЗГОРӢ. УНВОНҲОИ ИЛМӢ

191. Кормандони илмию омӯзгорӣ метавонанд дар аспирантура ва докторантура, ҳамчунин ба сифати унвонҷӯ ба Донишгоҳ барои навиштан ва дифои рисолаи номзади илм ё доктори илм ё бо роҳи ба вазифаи кормандони илмӣ гузаронидани кормандон ҷиҳати таълифи рисолаи докторӣ омода карда шаванд.

192. Донишгоҳ шаклҳои зерини такмили ихтисосро низ муқаррар мекунад:

- коромӯзии илмӣ, омӯзгорӣ, ихтисосгирии аввалия, эҷодӣ, аз ҷумла, дар корхонаҳо, институтҳои илмию таҳқиқотӣ, марказҳои ташхиси беморӣ, бюроҳои конструкторӣ, дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла дар хориҷа;
- рухсатиҳои эҷодӣ барои ба итмом расонидани рисолаи илмӣ;
- такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар Донишкадаҳо, факултетҳо ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо;
- бозомузӣ ва таълим дар факултетҳо ва курсҳои махсуси назди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

193. Такмили ихтисоси кормандони илмию омӯзгориро ҳамчунин аз рӯи шартномае, ки шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ бо Донишгоҳ ва ташкилоту муассисаҳои илмӣ мебанданд, аз ҳисоби маблағи шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ метавон амалӣ карда шаванд.

194. Донишгоҳ мувофиқи барномаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва нақшаи мавзӯъҳои тасдиқнамудаи Шӯрои олимон тадқиқотҳои илмии бунёдӣ ва амалиро ба роҳ монда, истифодаи оқилона ва самараноки нерӯи илмии дар ихтиёрашбударо таъмин менамояд. Фаъолияти илмӣ – тадқиқотӣ дар Донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо ҷараёни таълим бо ҷалб намудани донишҷӯён ба тадқиқоти илмӣ сурат мегирад.

195. Навъҳои асосии тадқиқоти илмӣ инҳоянд:

- тадқиқи масоили бунёдӣ ва амалии илмӣ,
- анҷом додани корҳои илмӣ – тадқиқотӣ;
- таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои илмию таълимӣ, дастурҳои таълимӣ ва нашри рӯзномаю маҷаллаҳо;
- дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ҷорӣ кардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ташвиқу тарғиби дастовардҳои илм, техника, фарҳанг ва маълумот.

196. Тадқиқоти илмие, ки дар Донишгоҳ гузаронида мешавад, асосан аз ҳисоби буҷети давлат ва маблағи аз манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ба дастомада (яъне маблағҳое, ки Донишгоҳ дар натиҷаи расондани хизматҳои пулакӣ ба даст овардааст, қарзи бонкӣ ба Донишгоҳ, кӯмакҳои молиявии башардӯстона ва ғайра) таъмин карда мешавад.

197. Дар Донишгоҳ унвони илмии профессор ва дотсент ба шахсони дорандаи дараҷаи илмии доктори илм ё номзади илм, ки дар Донишгоҳ ба фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва методӣ машғуланд, бо назардошти ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

198. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки тибқи Низомномаи тасдиқнамудаи Шӯрои олимони Донишгоҳ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷиро бо унвони «Профессори фахрии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» мушарраф гардонад.

## XII. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИИ ДОНИШГОҲ

199. Муассис бо мақсади таъмини фаъолияти дар Оинномa пешбинишуда биною иншоот, комплексҳои молу мулк, таҷҳизот ва ҳамчунин дигар молу мулки зарурии истеъмолӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайраро бо ҳуқуқи идораи оперативӣ ба Донишгоҳ вобаста менамояд.

200. Маблағгузории фаъолияти Донишгоҳ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ва маблағҳои махсуси Донишгоҳ ба роҳ монда мешавад.

201. Донишгоҳ ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан ба маблағу амвол ва дигар намудҳои моликиятеро, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бароящ тӯҳфа намудаанд, ба тариқи хайрия додаанд, ё мерос мондаанд, самараи меҳнати зеҳнӣ ва эҷодкориро, ки натиҷаи фаъолияти Донишгоҳ мебошад, аз ҷумла маҳсули коргоҳҳо ва ҷузъҳои онанд, ҳамчунин васоите, ки аз фаъолияти ҳисоби хоҷагӣ дар кори тайёр ва аз нав тайёркунии мутахассисон, аз ҳисоби фурӯши мол ва хизмат ба даст овардааст, дорад.

202. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад ба сифати иҷорагир ва (ё) иҷорадиҳандаи моликият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намояд.

203. Маблағгузории фаъолияти Донишгоҳ аз ҳисоби маблағи буҷетӣ мутобиқи фармоиши давлатӣ аз ҷониби Муассис, дигар мақомоти марказӣ ва маҳалии ҳокимияти иҷроия барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар асоси меъёрҳои муқарраргардидаи давлатӣ, аз ҷумла меъёрҳои идоравии маблағгузорӣ, амалӣ карда мешавад

204. Сарчашмаҳои ташаккули амволи Донишгоҳ ва маблағгузории фаъолияти он инҳоянд:

- моликияти ҷумҳурӣ, ки бемуҳлат бо мақсади идораи оперативӣ ба Донишгоҳ дода шудааст;
- маблағи буҷети ҷумҳуриявӣ, ки барои фаъолияти молиявии Донишгоҳ муқаррар шудааст;
- васоити буҷетии зинаҳои гуногун, ки барои таъмини меъёри давлатии маълумот ҷудо карда мешавад;
- ҳиссаҷудокунии корхонаҳои истеҳсолии дар ҳисоби хоҷагӣ буда, ташкилотҳои таълимӣ – таҷрибавӣ ва дигар ҷузъҳои Донишгоҳ;
- даромадҳое, ки аз амалӣ намудани шаклҳои гуногуни фаъолият ба даст меоянд;
- қарзҳои бонкӣ;
- аъзоҳақиҳои мақсаднок ва васоити фармоишдиҳандагон ва дигар сарпарастон, ки барои тайёр ва аз нав тайёр намудани мутахассисон равона шудаанд, хайрияҳои ихтиёрии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз ҷумла ҳамкорони хориҷӣ;

- даромади васоити пулӣ, арзия, ки Донишгоҳ дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои вомдиҳанда гузаштааст;

- даромад аз истифодаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, табобатӣ, хоҷагӣ ва ғ., инчунин дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

205. Донишгоҳ тартиби истифодаи маблағҳоро, ки аз ҳисоби буҷет ва манбаъҳои дигар ба даст овардааст, тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

206. Донишгоҳ дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии (кредитии) ғайрибонкӣ барои нигоҳ доштани пул ва ҳама гуна ҳисобҳо, амалиёти қарздиҳӣ ва хазинавӣ, аз ҷумла додугирифти асъор суратҳисобҳо кушода метавонад.

207. Донишгоҳ мутобиқи Оинномаи мазкур дар соҳаи таълим, илм, хизматрасонии тиббӣ ва соҳаҳои дигар, ба шарте, ки он бар зиёни фаъолияти асосии он набошад, метавонад фаъолияти пулакиро мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ ба роҳ монад.

208. Масъалаҳои бастани шартнома барои фаъолияти пулакии таълим дар Донишгоҳ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур сурат мегиранд.

209. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад дар доираи муқаррарнамудаи иҷозатнома илова ба маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷет, қабули донишҷӯёнро бо риояи замимаи иҷозатнома, ки аз тарафи Муассис ва мақомоти давлатии идораи маориф дода шудааст, тибқи шартномаҳо бо пардохти арзиши таҳсил аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ намояд. Дар ин сурат Донишгоҳ дар иҷрои шартномаҳо, таъини уҳдадориҳо ва дигар мавридҳое, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Донишгоҳ нестанд, соҳибихтиёр аст. Инчунин, дар истифодаи даромад ва амволе, ки дар натиҷаи ин фаъолият ба даст меоянд, Донишгоҳ соҳибихтиёр мебошад. Даромади мазкур тибқи ҳамин Оиннома ва қонунгузории ҷорӣ мавриди истифода қарор мегирад.

210. Аз даромадҳои Донишгоҳ, пас аз пардохтҳои ҳатмӣ, маблағҳои махсус ташкил карда мешавад, ки он тибқи қонунгузории ҷорӣ ва Низомнома дар бораи маблағҳои махсус, ки аз ҷониби Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ мегардад, мавриди истифода қарор мегиранд.

211. Тартиби ташкил ва истифодаи маблағҳои махсус тибқи тартиби муқарраршуда танзим мегарданд.

212. Донишгоҳ ба таври мустақим дар назди Муассис, мақомоти молия, андоз, мақомоти омор, ва дигар мақомоти давлатӣ тибқи қоидаҳои амалкунанда ҳисобот медиҳад.

213. Масъалаҳои бастани шартнома барои фаъолияти пулии таълимӣ ва хизматрасонии Донишгоҳ аз ҷониби он дар асоси шартномаҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Оиннома мухолиф нестанд, ба амал бароварда мешавад.

214. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ассосиатсияҳои гуногун, иттиҳодияҳо, аз ҷумла, бо ширкати ташкилотҳо, корхонаҳо, ашхоси ҷамъиятӣ ва дигарон ташкил намояд, дар таъсис додани фондҳои Оинномавии рафоқатҳо (ҷамъиятҳои

саҳҳомӣ) бо истифода намудани васоили молию пулие, ки дар ҳуқуқи идоракунии оперативии Донишгоҳ мебошанд, ба сифати саҳм дар бунёди Оинномавии онҳо ширкат варзад.

215. Донишгоҳ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияташ, инчунин намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии амволӣ метавонанд дар асоси шартнома иттиҳодияҳои ғайритиҷоратиро дар шакли ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис диҳад.

216. Донишгоҳ чун аъзои ассотсиатсияҳои низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мустақилият ва ҳуқуқи шахси ҳуқуқии худро нигоҳ медорад, аз рӯи ухдадориҳои ассотсиатсия ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия пешбинишуда масъулияти субсидиарӣ дорад.

## XIII. ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ХОРИҶИИ ДОНИШГОҲ

217. Ҳамкории байналмилалии Донишгоҳ дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ба ҳамшарикии ҳақиқӣ, эътимоду боварии тарафайн ва ба шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ асос меёбад.

218. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки дар соҳаи таҳсилоти олии тодипломӣ ва баъдидипломӣ ва баланд бардоштани ихтисоси мутахассисон, фаъолияти таълимӣ, корҳои илмӣ ва ғайра, инчунин фаъолияти хориҷиро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаю қарордодҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои байналмилалиро ба роҳ монад.

219. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад бо муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, корхонаю ташкилотҳои хориҷӣ робитаи бевосита муқаррар намоянд, барномаҳои байналмилалии таълимӣ, илмӣ ва илмӣ – таҳқиқотиро амалӣ гардонанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили иттиҳодияҳои байналмилалии ҷамъиятии таълимӣ ва илмӣ шавад.

220. Таълим, тайёр намудан ва баланд бардоштани тахассуси шаҳрвандони хориҷӣ, корҳои таълимӣ ва илмӣ – пажуҳишии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ, созишномаи байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассис ва мақомоти дахлдори идоракунии маорифи кишварҳои хориҷӣ ва ҳамчунин дар асоси бастани шартномаҳои инфиродӣ бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ бо Донишгоҳ ба роҳ монда мешавад.

221. Донишгоҳ фаъолияти иқтисодии хориҷиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона амалӣ мекунад ва он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ кушодани суратҳисоби асъорро дорад.

222. Асъор, дигар маблағҳои пулӣ ва амволе, ки Донишгоҳ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меоварад, пурра ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани онҳоро дорад. Ин маблағҳо барои инкишофи Донишгоҳ, музди меҳнати кормандон, пойдор сохтани заминаи моддию техникии Донишгоҳ ва рушди иҷтимоии донишгоҳ харҷ карда мешаванд.

## XIV. ҲИСОБОТ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ

223. Донишгоҳ ҳисоби фаврӣ ва муҳосибиро аз натиҷаҳои фаъолияти кори худ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад, аз рӯи шакли муқарраршуда баҳисобгирии муҳосибӣ, оморӣ, коргузорӣ, амалиёти бойгонӣ мебарад, дар ин хусус ба Муассис ҳисобот пешниҳод менамояд;

224. Вазифаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ инҳо мебошанд:

- ташкили ахбори комилан дурусти раванди хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои корҳо ҷиҳати идора ва роҳбарии фаврӣ;
- таъмини назорати мавҷудият ва гардиши пули накд, васоити молӣ, меҳнатӣ ва ғайра мувофиқи меъёр, ченакҳо ва сметаҳо;
- сари вакт огоҳонидан аз зуҳуроти номатлуб дар фаъолияти молӣ – хоҷагӣ, ошкор ва сафарбар намудани захираҳои дохилии донишгоҳ.

225. Донишгоҳ ба таври мустақим ба тариқи муқаррароти қонунгузорӣ дар назди мақомоти молия, андоз, омор ва дигар мақомоти марбута ҳисобот медиҳад.

226. Давраи ҳисоботӣ барои Донишгоҳ соли тақвимӣ аз 1 январ то 31 декабр мебошад.

227. Донишгоҳ маблағҳои буҷетиро дар Сарраёсати хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ медорад.

228. Донишгоҳ маблағҳои ғайрибуҷавиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар муассисаҳои қарздиҳӣ (бонкҳо) нигоҳ дорад.

229. Донишгоҳ баҳисобгирии муҳосибӣ ва омории худро дар асоси муқаррароти таъиншуда ба роҳ мемонад.

230. Роҳбарияти Донишгоҳ ва дигар шахсони масъул барои вайрон кардани ҳисоботҳо масъулияти шахсӣ доранд.

231. Роҳбарияти сохторҳои таркибии Донишгоҳ, ки мувозинати мустақил ва ё алоҳида доранд, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳиро тибқи қонунгузории амалкунанда ташкил ва ба роҳ мемонанд, дар назди мақомоти марбутаи давлатӣ ва Донишгоҳ ҳисобот медиҳанд, дар ин хусус онҳо масъуланд.

## XV. ТАРТИБИ ТАЪСИС, АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ДОНИШГОҲ

232. Қатъ гардидани фаъолияти Донишгоҳ дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии он сурат мегирад.

233. Азнавташкилдиҳии Донишгоҳ тибқи муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Ҳангоми азнавташкилдиҳии Донишгоҳ ҳамаи ҳуқуқу ухдадориҳои он ба вориси ҳуқуқиаш мегузарад.

234. Барҳамдиҳии Донишгоҳ дар ҳолатҳо ва тартибе, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст ба амал бароварда мешавад.

235. Амволе, ки баъд аз қонеъ гардонидани талаботи қарздиҳандагон боқӣ мемонад, ба Муассиса мегузарад.